# ТАҚРИЗ

ба автореферати Азиззода Рухсора Назир дар мавзӯи «Асосҳои иҷтимоӣ - педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ” аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Яке аз вазифаҳои асосии илми педагогика омода намудани инсон ба ҳаёти оилавӣ ва меҳнатӣ ба ҳисоб меравад. Педагогика дар ҳаракатҳои зиндаи одамон, дар анъанаҳо ва тасаввуроти коллективҳои воқеӣ тавлид меёбад. Яъне, барои тахассуси ояндаи инсон омодагии оилавӣ ва меҳнатӣ аҳамияти махсусан муҳим дорад.

То ба имрӯз дар ҷодаи тарбия миқдори муайяни рисола ва мақолаҳои илмӣ таълиф шудаанд, ки ба дақиқ намудани моҳият ва хусусиятҳои тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона гардиданд. Аммо таҳқиқоте, ки унвонҷӯ Азизода Рухсора Назир гузаронидааст маҳз ба тарбияи писарон ва тайёр намудани онҳо ба нақши падарӣ дар шароити имрӯза, ки яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, бахшида шудааст.

Масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас, тайёр намудани ҷавонон, махсусан писарон ба ҳаёти оилавиро метавон танҳо дар асоси ҳамкориҳои судманди муассисаи таҳсилоти умумӣ ва оила, инчунин ба истифодаи тамоми захираҳои тарбиявии фаъолияти таълимӣ беҳтар намуд.

Дар рисолаи илмии унвонҷӯ Азизода Р.Н. масъалаҳои мухталифи тарбияи писарон, ба ҳаёти оилавӣ ва мустақилона омода намудани онҳо дар педагогикаи гендерии муосир ба таври маҷмӯавӣ баррасӣ гардида, дар ин самт проблемаҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд. Ҷанбаҳои гуногуни педагогикаи гендерӣ, ҷойгоҳи тарбияи писарон дар он ба таври мушаххас мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор дода шудаанд.

Тарбияи писарон ва ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад, ки дар доираи педагогикаи гендерӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар кори таҳқиқотии унвонҷӯ мафҳуми асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ дар фазои таълимии фаъолияти касбӣ, ки ифодаи устувор ва дарку фаҳми мушаххаси маънии он аз худ дарак медиҳад, аниқ карда шудааст. Инчунин дар рисола моҳият, мазмун ва ташкили воҳӯрию чорабиниҳои педагогӣ ҳамчун

омили омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ ошкор ва муайян карда шудааст, ки унвонҷӯ дар иҷрои ин масъала масъулияти хеле баланд нишон додааст.

Хеле хуб аст, ки мавзуи асосии рисолаи илмии унвонҷӯро масъалаҳои рӯзмара дар бар мегирад. Дар кори илмии унвонҷӯ Азизода Р.Н. масъалаҳое мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст, ки барои рушду нумуи омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ бахшида шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар кори унвонҷӯ мувофиқатии мазмун ба мавзуъ хело ҳам хуб дида мешавад. Он мушкилоте, ки имрӯз дар омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ ҷой дорад, дар рисола нишон дода шуда, роҳҳои бартараф намудани онҳо низ пешниҳод гардидааст.

Оид ба тайёрии писарон ба муносибатҳои оилавӣ муаллифон мавқеи ягона надоранд, ки боиси ташаккули ақида ва мавқеҳои муайян шуда тавонад. Барои муайян намудани моҳият ва хусусиятҳои тайёрии писарон ба ҳаёти оилавӣ зарур аст, ки ин муносибатҳо нисбат ба омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

Таҳқиқотҳои солҳои охир собит намуданд, ки проблемаи тарбияи писарон ва тайёр намудани онҳо ба ҳаёти мустақилона дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал мавриди таҳқиқи махсуси маҷмӯавӣ қарор дода шудааст. Мазмуну мундариҷаи тарбияи писарон ошкор ва моҳияту хусусиятҳои он шарҳ дода шудааст. Ҳолатҳое дар кор асоснок карда шудаанд, ки дар тарбияи писарон заруру мақсаднок буда, натиҷаи он ба сифати ҳаёти мустақилонаи ояндаи онҳо низ таъсири мусбӣ хоҳад расонд. Аҳамияти амалии тадқиқот дар он зоҳир мегардад, ки маводҳои онро метавон ҳамчун васоити методӣ барои тарбияи писарон ва инчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии омӯзгорӣ ба сифати маводи иловагӣ дар омӯзиши фанҳои блоки педагогӣ истифода намуд. Ҳамчунин, дар рисола тавсияҳои методӣ оид ба тарбияи писарон ва маводи ташхисӣ барои ошкор намудани мушкилиҳои мавҷудаи тарбияи писарон коркард шудаанд, ки дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва низоми таҳсилоти иловагӣ истифода гардиданашон ба манфиати кор мебуд.

Барои боз ҳам беҳтар гардидани мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ баъзе тавсияҳои хешро пешниҳод менамоям:

1. Хуб мешуд, агар муаллиф намунаи усулҳои муосири омода намудани писаронро ба вазифаи падарӣ пешниҳод менамуд.

2. Дар кори таҳқиқотӣ ғалатҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад, ки ислоҳи онҳоро зарур мешуморем.

Хулоса, ба автореферати Азиззода Рухсора Назир дар мавзуи «Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии омода намудани писарҳо ба иҷрои вазифаи падарӣ ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) баҳои арзанда дода, қайд менамоям, ки кори илмӣ-таҳқиқотии унвонҷӯ дар рушди тарбияи писарон ва ба ҳаёти оилавӣ тайёр намудани онҳо ба нақши падарӣ, сарвари оила, такягоҳи маънавию моддӣ муҳим ба ҳисоб рафта, нақши босазо мегузорад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода Шарифов Муҳсин Ғаффорович

**Маълумот барои тамос:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф.Муҳаммадиев, 17/6. Тел: 935806222.

Имзоҳои М.Ғ.Шарифовро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна